**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи муқаррар намудани рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати рақами даъвати хадамоти таъҷилии огоҳисозӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда

Мутобиқи моддаҳои 32, 33 ва 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқаи барқӣ", моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда ва эътинои саривақтӣ ба вазъиятҳои ногаҳонӣ ва ҳолатҳои фавқулодда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рақами даъвати хадамоти таъҷилии огоҳисозӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда муқаррар карда шавад.

2. Низомнома дар бораи низоми таъмини даъвати хадамотҳои таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда бо рақами кӯтоҳи яюнаи фаврии алоқаи "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3. Операторони хизматрасонии алоқаи барқӣ (маҳаллӣ ва мобилӣ) баромадро ба рақами даъвати хадамоти таъҷилии огоҳсозӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда "112" ройгон таъмин намоянд.

4. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути воситаҳои ахбори омма дар бораи рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" ба аҳолии Тоҷикистон маълумот диҳад ва қабули муроҷиатҳои шахсони воқеиро тариқи занги телефолӣ ба рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" таъмин намуда, сари вақт чораҳои дахлдорро ҷиҳати огоҳсозӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда андешад.

5. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои банди 3 қарори мазкурро таъмин намояд.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, № 434 "Дар бораи муқаррар намудани рақами кӯтоҳи фаврии алоқаи "111"-и Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати рақами даъвати хадамоти таъҷилии пешгирӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда ва баромади ройгон ба он" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон   Эмомалӣ Раҳмон

аз 28 апрели соли 2017 № 214

ш.Душанбе

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "28" апрели соли 2017, № 214

тасдиқ шудааст

**Низомномаи дар бораи низоми таъмини даъвати хадамоти таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда бо рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи дар бораи низоми таъмини даъвати хадамоти таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда бо рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мудофиаи гражданӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, № 229 "Оид ба тасдиқи Низомномаи Хадамоти мудофиаи гражданӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014 № 833 "Дар бораи сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда" таҳия карда шудааст.

2. Низомномаи мазкур мақсад, сохтор, тартиби ташкил ва фаъолияти низоми таъмини даъвати хадамоти таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои

фавқулоддаро бо рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" (минбаъд низоми "112") муайян месозад.

3. Низоми "112" барои таъминоти иттилоотии хадамоти навбатдорӣ-танзимгарӣ, инчунин таъмини даъвати хадамоти таъҷилӣ ва эътино аз тарафи ҳар як истифодабарандаи хизматрасониҳои алоқа бо воситаи чидани рақамҳои пешбинишуда барои даъвати хадамоти таъҷилии дахлдор пешбинӣ мешавад. .

4. Мақсадҳои асосӣ аз ташкили низоми "112":

- қавигардонии минбаъдаи муносибатҳои дутарафа ва рушди ҳамкорӣ байни хадамоти таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда, муҳимияти ноилшавӣ ба натиҷаҳои намоён дар анҷом додани чорабиниҳои якҷоя оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда;

- баланд бардоштани самаранокии чораҳо оид ба мудофиаи гражданӣ ва ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодда;

- ташкил намудани фазои ягонаи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва вусъат додани робитаҳо дар самти ҳамкории техникӣ;

- қабули даъвати таъҷилӣ бо низоми "112" оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва ҳодиса;

- сари вақт андешидани чораҳои зарурӣ ва фавран ҳозир шудан ба ҷойи ҳодиса ва ҳолати фавқулодда;

- таъмини дастгирии равонӣ аз дурӣ ба шахсе, ки бо низоми "112" муроҷиат кардааст;

- таҳлили маълумоти дастрасшуда оид ба ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда;

- ҷамъоварӣ, мубодила ва пешниҳод намудани маълумот ба воситаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар самти ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда;

- таҳвили мутақобилаи аломатҳои идоракунӣ ва огоҳкунии мудофиаи гражданӣ;

- ҳамоҳангсозии реҷаҳои фаъолияти низоми огоҳкунӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда барои истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои мавҷуда;

- рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки ба ташкил, идоракунӣ ва пешбурди фазои ягонаи иттилоотию - коммуникатсионии мусоидат менамояд;

- ташкили низоми ягонаи иттилооотӣ ва мониторинги фаъолият.

5. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот, ки даъвати хадамоти таъҷилиро тариқи низоми "112" амалӣ мегардонанд, барои ташкил ва таъмини фаъолияти низоми "112" санадҳои дахлдор қабул менамоянд.

## 2. СОХТОР, ВАЗИФАҲО ВА ВАКОЛАТҲО

6. Низоми "112" ҳамкории иттилоотиро байни мақомоти идоракунии Низоми ягона, зернизомҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва хадамоти таъҷилӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, № 833 ""Дар бораи сохтор ва тартиби фаъоличти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда" пешбинӣ шудааст, дар ҳолати таҳдид ва рух додани ҳолатҳои фавқулодда таъмин менамояд.

7. Номгӯи хадамоти таъҷилиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, аз ҷумла:

- хадамоти ёрии таъҷилии тиббӣ;

- хадамоти оташнишонӣ;

- хадамоти эътино ба ҳолатҳои фавқулодда;

- хадамоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ.

8. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароити маҳал ҳуқуқ ҳуқуқи муайян кардани онро дорад, ки кадом ташкилоту идораҳо метавонанд дар қатори хадамоти таъҷилии дар банди 7 Низомномаи мазкур нишондода бо низоми "112" мубодилаи маълумот ва ҳамкорӣ амалӣ менамояд.

9. Низоми "112" дар реҷаи шабонарӯзӣ фаъолият карда, барои эътиногирии саривақтӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва қабули даъватҳои таъҷилӣ, дар ҳолати омодабошии доимӣ қарор мегирад.

10. Қабул ва коркарди маълумот оид ба ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда ва ҳодиса аз тарафи ҳайати хизматии низоми "112" сурат

гирифта, баъд аз муайян гардидани хусусиятҳои асосии ҳолати фавқулодда ва ҳодисаи рухдода, хабарҳои даъвати таъҷилӣ ба қисмҳои навбатдории хадамоти таъҷилӣ ва эътино равон карда мешаванд.

11. Хадамоти ёрии таъҷилии тиббӣ, оташнишонӣ, эътино ба ҳолатҳои фавқулодда, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ (минбаъд - хадамоти таъҷилӣ) дар доираи фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ташкили ҳамкориро бояд дар чунин реҷаҳои корӣ таъмин намоянд:

а) дар реҷаи фаъолияти ҳамарӯза:

- дар реҷаи фаъолияти ҳамарӯза хадамоти таъҷилӣ вазифаҳои худро мувофиқи дастурҳои соҳавӣ иҷро мекунад ва дар мавриди корҳои таъмирию профилактикии банақшагирифташуда ё банақшагирифтанашуда ва таҷҳизонидани хадамоти навбатдорӣ ё иншоотҳои шароити фаъолияти ҳаётии аҳолиро таъминкунанда бошад, навбатдори ин хадамот бояд ба навбатдори дигар хадамот дар ин бора маълумот диҳанд;

- дар давоми навбатдорӣ, танзимгарони навбатдори хадамоти низоми "112" ҳангоми зарурат метавонанд дар бораи вазъияти баамаломада аз дигар хадамоти таъҷилӣ маълумот талаб намоянд. Маълумоти дархостшуда бояд бечунучаро пешниҳод карда шавад, агар ин барои пешбинӣ намудани вазъи эҳтимолӣ ва ҳалли масъала аз рӯи таъйинот имконпазир бошад;

- танзимгарони хадамоти таъҷилӣ маълумоти аз аҳолӣ тавассути телефонӣ дар бораи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳодиса қабулгардидаро вобаста ба вазифаҳояшон таҳлил, эътино ва иҷро мекунад;

- дар мавриди зарурат, навбатдорони хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба хадамоти дахлдори таъҷилӣ дар қабул, таҳлил ва ба суроғаи дигар равонакунии зангҳо кӯмаки иловагӣ расонанд.

б) дар реҷаи фаъолияти омодабошии баланд ё ҳолатҳои фавқулодда **ҳамоҳангсозии амалҳои хадамоти таъҷилӣ** тавассути хадамоти навбатдории низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфта, ба навбатдорони дигар хадамот ба таври ҳатмӣ дар навбати аввал маълумоти зерин пешниҳод карда мешавад:

- дар бораи хавф ё ба амал омадани ҳолати фавқулодда;

- дар бораи вазъи баамаломада дар ҳудуди иншооти ҳолати фавқулодда;

- дар бораи чораҳои андешидашуда оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳайати кормандон, арзишҳои моддӣ ва фарҳангӣ, муҳити зист дар ҳудуди ҳолатҳои фавқулодда;

- дар бораи қувва ва воситаҳои барои пешгирӣ ва бартарафкунии ҳолатҳои фавқулодда ҷалбшуда, қувва ва воситаҳои иловагии дархостшаванда.

12. Басти навбатдори хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад фармоиш диҳад ва навбатдори дигар хадамот вазифадор аст, ки фармоишро оид ба ҳолатҳои зерин қабул кунад:

- равонашавии қувваҳои навбатдор ба ҷои ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда;

- ба реҷаи омодабошии баланд ё ҳолати фавқулодда гузаронидани фаъолияти хадамоти таъҷилӣ. Ҳамзамон мунтазам аз тарафи навбатдорони дигар хадамот расонидани маълумот дар бораи рафти афзунёбии қувва ва воситаҳо, тибқи нақшаи амали хадамоти таъҷил оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда;

- интиқоли аломатҳои идоракунӣ ва хабардоркунии аҳолӣ.

13. Масъулияти фармоишҳои додашуда ба зиммаи басти навбатдории хадамоти низоми"112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

14. Ҳангоми баамал омадани ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда, то оғози фаъолияти Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда, навбатдорони хадамоти таъҷилӣ ба таври фаврӣ ба тобеияти навбатдори хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд ва баъд аз ташкил шудани Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ба тобеияти ин Комиссия ва Ситоди фаврии он оид ба рафъи оқибатҳои ҳолати фавқулодда мегузаранд.

15. Хадамоти навбатдории низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабул намудани маълумот дар бораи ҳолати фавқулодда:

- ба ҷойи ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда қувваҳои доимоомодабоши Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мефиристад;

- навбатдорони дигар хадамотро дар бораи равона намудани қувваҳои доимоомодабош ба ҷойи ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда ва ҷалби эҳтимолии қувваҳои онҳо огоҳ менамояд;

- бо омада расидани қувваҳои доимоомодабоши Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷои ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда, зарурати ба ҷойи ҳолатҳои фавқулодда фиристодани қувваҳои навбатдорро муайян менамояд.

- дар мавриди зарурат хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навбатдорони дигар хадамот дар бораи ба ҷойи ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда фиристодани қувваҳои навбатдор супориш медиҳад.

16. Навбатдорони хадамоти таъҷилӣ ҳангоми гирифтани маълумот аз хадамоти навбатдории хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зарурати расонидани кӯмак:

- ба ҷойи ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда гурӯҳи (гурӯҳҳои) қувваҳои навбатдорро равон намуда, оид ба вақти баромад ва расидан гурӯҳ ба ҷойи ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда ба навбатдори хадамоти "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад;

- алоқаи доимиро бо навбатдорони хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қувваҳои навбатдор, ки ба ҷои даъватшуда мераванд, нигоҳ медорад;

- суроғаи ҷойи ҳодиса ва эҳтиёҷоти минбаъдаро барои расонидани кӯмак муайян менамояд.

17. Ҳайати кормандони техникии хадамоти таъҷилӣ, ки ба ҷойи ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодда ҳозир мешаванд, ба роҳбарияти Ситод оид ба

рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда дар бораи ҳозир шудани худ хабар дода, ба тобеияти ӯ мегузаранд ва танҳо бо иҷозати роҳбарияти Ситод оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда, ҷойи ҳодисаро тарк менамоянд.

18. Низоми "112" аз чунин зернизомҳо иборат мебошад:

- зернизоми телекоммуникатсионӣ, ки гузариши даъватҳои телефониро (мобилӣ ва шаҳриро) аз истифодабарандагони хатҳои алоқаи радиотелефонӣ ба низоми "112", инчунин гузариши даъватҳоро (зангҳои телефонро) аз низоми "112" ба хадамоти қисми навбатдории хадамоти таъҷилӣ ва эътинои дахлдор таъмин менамояд;

- зернизоми иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки нигоҳдорӣ, навкунии маҳзани маълумот, коркарди иттилоот оид ба даъватҳои (хабарҳо оид ба ҳодисаҳои) аз шаҳрвандон қабулшуда ва имконияти дар реҷаи фаврӣ аз бойгонӣ дарёфт намудани иттилоот оид ба ҳодиса, инчунин, дастгирии иттилоотӣ-таҳлилии қабули қарор оид ба эътинои таъҷилӣ ба даъватҳои қабулшуда (хабарҳо оид ба ҳодисаҳо) ва банақшагирии чораҳои эътиноро таъмин менамояд;

- зернизоми хизматрасонии машваратӣ, ки барои расонидани кӯмаки иттилоотӣ ба нафарони ба низоми "112" оид ба масъалаҳои таъмини бехатарии ҳаёту фаъолият мурочиаткарда пешбинӣ шудааст;

- зернизоми таъмини бехатарии иттилоот, ки барои муҳофизати иттилоот ва воситаҳои коркарди он дар низоми "112" таъин шудааст.

## 3. МУБОДИЛАИ МАЪЛУМОТ

19. Тамоми маълумот дар бораи хавф ё ба амал омадани ҳолатҳои фавқулодда ба хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

20. Маълумоте, ки ба хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад, ба ҳамаи навбатдорони дигар хадамот, ки дар рафъи ҳолатҳои фавқулодда ҷалб шудаанд, расонида мешавад.

21. Маълумотҳое, ки аз ҷониби навбатдорони хадамоти таъҷилӣ ҳамчун маълумот дар бораи ба амал омадани ҳолатҳои фавқулодда муайян мегарданд, дар навбати аввал ба хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад.

22. Фармоиши Роҳбари Ситод оид ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда аз тарафи басти навбатдорони хадамоти низоми "112" Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навбатдорони хадамоти ҷалбшуда, расонида мешавад.

23. Иттилооти дастрасшаванда, бояд танҳо бо мақсади хизматӣ истифода шавад ва бе мувофиқаи маълумотдиҳанда ба шахси сеюм дода нашавад.

24. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- фаъолият оид ба ташкил ва истифодабарии низоми "112" ҳамоҳанг месозад;

- оид ба ташкил ва истифодабарии низоми "112" ҳуҷҷатҳои методӣ таҳия менамояд;

- дар якҷояги бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор таҳияи қарор ва талаботи барномавию техникии намунавиро оид ба ташкили низоми "112" ба роҳ мемонад;

- супоришҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои лоиҳавию техникиро ташкил ва истифодабарии низоми "112" -ро мувофиқа менамояд;

- тайёрии ҳайати хизматрасони низоми "112" -ро таъмин менамояд;

- тартиби ташаккул ва пешбурди феҳристи низоми "112"-ро дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

- фаъолияти низоми "112" -ро назорат мебарад.

25. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамоҳангсозии амалиётҳои танзимгарони алоқа оид ба омодагии қисматҳои таркибии хатти алоқаи истифодаи умумро барои таъмини кори даъвати хадамоти таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда бо рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" амалӣ месозад.

26. Вазорату идораҳо, ки дар тобеияти худ хадамоти таъҷилии навбатдорию танзимгарӣ доранд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи ваколатҳои худ:

- ҳамкории хадамоти навбатдорӣ-танзимгарии хадамоти таъҷилӣ ва эътинои зертобеъи худро бо хадамоти хизматрасони низоми "112" ба роҳ мемонанд;

- таъминоти моддӣ ва техникии хадамоти навбатдорӣ -танзимгарии хадамоти таъҷилӣ ва эътинои зертобеъи худро амалӣ месозанд;

- дар таҳияи қарору талаботи барномавию техникии намунавӣ оид ба ташкили "112" иштирок менамоянд;

- ташкил ва рушди низоми "112"-ро ҷиҳати таъмини ҳамкории зич бо хадамоти навбатдорӣ-танзимгарии хадамоти таъҷилӣ ва эътинои дахлдор амалӣ месозанд;

- омӯзиш, омодагӣ ва бозомӯузии ҳайати хизматрасони хадамоти навбатдорӣ-танзимгарии зертобеи хадамоти таъҷилӣ ва эътиноро ташкил менамоянд.

- ҳуҷҷатҳои методиро оид ба ташкил ва истифодабарии низоми "112" таҳия менамоянд;

- рушди низоми "112"-ро ба нақша мегиранд, ташкил ва амалӣ месозанд.

27. Хароҷоти вобаста ба ташкил, вусъат, истифодабарӣ ва рушди низоми "112" аз ҳисоби маблағҳои худии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маблағгузории ташкилотҳои байналмилалии донорӣ ба роҳ монда мешавад.